Тақриз

ба автореферати Саидзода Обидчон Саид барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10. дар мавзуи «Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои «Тоҷикистон»

Саидзода Обидҷон Саид дар рисолаи номзадии худ ба яке аз мавзуъҳои муҳими соҳаи радио, яъне вижагиҳои таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои «Тоҷикистон» дахл намуда, паҳлуҳои мухталифи онро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Қобили зикр аст, ки адабиёт ва санъат бахши умдаи барномаҳои радиёиро фаро гирифта, аз ҷониби пажӯҳишгарон то ҳол ба таври густурда мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Дар ин замина мазуи мавриди баҳс дар соҳа нав буда, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки онро дар маҳдудаи як диссертатсия ҳамаҷониба ба силки таҳқиқ кашад.

Муаллиф дар раванди тадқиқот аз маъхазҳои нодир, сарчашмаҳои таърихӣ, адабӣ ва «Хазинаи тиллоӣ» истифода намуда, барномаҳои адабии радиои «Тоҷикистон»-ро аз давраи пайдоиш то ташаккул ёфтанашон таҳлил намудааст. Дар заминаи омӯзиш барномаҳои адабиро дар асоси мавзуъи баҳс, мушкилот, жанр ва фарогирии аудитория гурӯҳбандӣ кардааст. Инчунин муаллифи рисола мавзуи барномаҳои фарҳангӣ ва гуфтори адабиро бо назардошти синну сол, вижагиҳо хос, мушаххасоти мавзуъ таснифбандӣ намуда, мавқеи онҳоро дар доираи барномаҳои адабӣ шарҳ додааст. Бахусус дар рисола барномаҳо барои кудакон ва наврасон ба таври густурда мавриди таҳқиқ қарор гирифта, бурду бохти онҳо мушаххас гардидааст.

Муаллиф инчунин дар доираи рисола усулҳои мухталифи барномаиҳои адабии радио таҳқиқ намуда оид ба хонишҳои давомдор ва порчавии асарҳои бадеӣ, радиоинсениовка, барномаҳои драмавӣ,

радиотеатрҳо маълумоти муфассал дода, хусусиятҳои коммуникативии онҳоро муайян намудааст.

Ба андешаи мо бо вуҷуди ин, ки вобаста ба мавзуъ аз ҷониби муаллиф як таҳқиқоти хеле хуб анҷом гирифтааст, доираи мавзуи илмӣ фаротар аз маҳдудаи як рисолаи номзадӣ буда, имкон дорад, ки минбаъд низ дар чаҳорчӯбаи як рисолаи докторӣ идома дода шавад.

Рисола ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика сазовор буда, барои дифоъ тавсия дода мешавад.

Номзади илмҳои филология,
дотсент, Сармдабири ҳафтаномаи
“Минбари халқ” устоди кафедраи
журналистикаи телевизиони
Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода Ҳамдамов Бахтиёр

Суроға: 734018 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. Тел.: + 992(327) 238-72-20; 93-963-73-63 E-mail: bedil97_68@mail.ru

“Тасдиқ мекунам”
мудири шуъбаи умуми,
назорат ва корҳои махсуси
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ Ҳабибзода Зоҳир

ХИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАСТГОҲИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗӢ ШӮЪБАИ УМУМӢ, НАЗОРАТ ВА КОРҲОИ МАХСУС

16.09.2019.